**«Тасдиқ мекунам»**
Ректори МДТ «ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино»
д.и.т., профессор
Гулзода МҚ.________
«___» _______ с.2019

# НИЗОМНОМАИ
## ШУЪБАИ ТАРБИЯ ВА ФАРҲАНГ

**Душанбе – 2019**

# I. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1.1.Низомномаи шуъбаи тарбия ва фарҳанги МДТ «Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино» дар асоси Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», «Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», Низомномаи намунавӣ дар бораи муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва «Оиннома»-и донишгоҳ тартиб дода шуда, ташкил ва гузаронидани самтҳои гуногуни фаъолияти тарбиявиро дар МДТ «ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино» муайян менамояд.

1.2.Шуъбаи тарбия ва фарҳанг (минбаъд шуъба) ҷузъи сохтории МДТ «ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино» маҳсуб ёфта, дар тобеияти Муовинати тарбия ва фарҳанг фаъолият мебарад.

1.3. Шуъбаро сардори шуъба роҳбарӣ менамояд, ки бо пешниҳоди муовини ректор оид ба корҳои тарбия аз ҷониби ректор ба вазифа таъйин ва аз вазифа озод карда мешавад.

1.4. Сардори шуъба аъзои Раёсати донишгоҳ ва дар сурати доштани дараҷаи илмӣ, аъзои Шӯрои олимон низ буда метавонад.

## II. МАҚСАДИ ШУЪБАИ ТАРБИЯ ВА ФАРҲАНГ

2.1. Шуъбаи тарбия ва фарҳанг бо мақсади татбиқи бандҳои Консепсияи миллии тарбия, амалӣ намудани нақшаи чорабиниҳои корҳои тарбиявии донишгоҳӣ, таъмини иҷрои амалии ҳадафҳои стратегӣ, дастуру супоришҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, татбиқи қонунгузории соҳаи маориф ва илми ҶТ, қарорҳои Шӯрои олимон ва супоришҳои ректори донишгоҳ ҳамкории худро бо сохторҳои донишгоҳ ба роҳ мемонад.

2.2. Шуъбаи тарбия ва фарҳанг дар фаъолияти худ ҷамъи масъалаҳои ба корҳои тарбиявӣ алоқамандро зери назорат ва роҳбарӣ гирифта, сохтори асосии танзимкунандаи муносибатҳо дар ин самт ба ҳисоб меравад.

2.3. Шуъбаи тарбия ва фарҳанг фаъолияти тамоми зерсохторҳои қисми тарбияи донишгоҳро назорат намуда, дар назди муовини ректор оид ба тарбия ва фарҳанг ва ректори донишгоҳ масъул аст.

2.4. Шуъбаи тарбия ва фарҳанг фаъолияти Шӯрои кор бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ: Шуъбаи кор бо ҷавонон, Шӯрои занон ва духтарон, Шӯрои кураторони назди факултетҳо, Шӯрои волидайн, Шӯрои донишҷӯёни хобгоҳҳоро ҳамоҳанг сохта, самарабахшии фаъолияти онҳоро дар вусъати корҳои тарбиявӣ таъмин менамояд.

Мақсади асосии шуъба ин ташаккули инсони комил, тарбияи шахсиятҳои сатҳи баланди ахлоқӣ, ифодагари симои зеҳнию маънавӣ, фикру ҷисму рӯҳи солим, эҳсоси баланди ватандӯстӣ ва худогоҳии миллӣ, риоягари қонунҳо, ҳуқуқу, озодиҳо, заҳматписанду зебопараст, сарфаю сариштакор, бо таҳаммулу тоқатпазир, масъулиятшиносу фаъол, созандаю эҷодкор ва гиромӣ доштани таърих ва мероси фарҳанги ниёгон, урфу одат ва анъанаҳои миллӣ мебошад.

## III. ВАЗИФАҲОИ ШУЪБАИ ТАРБИЯ ВА ФАРҲАНГ

3.1. Муайян ва ҳамоҳанг сохтани самтҳои асосии фаъолияти тарбиявӣ дар зерсохторҳои донишгоҳ ва мусоидат намудан дар иҷрои босифати нақшаву барномаҳои тарбиявӣ.

3.2. Роҳбарӣ ва назорати татбиқ ва амалишавии унсурҳои Консепсияи миллии тарбияи ҶТ, ба танзим даровардани мазмун ва мундариҷаи корҳои тарбиявӣ дар факултетҳо, кафедраҳо ва марказҳои донишгоҳ ва иҷроиши онҳо;

3.3. Назорати риояи талаботи қоидаҳои тартиботи дохилидонишгоҳӣ аз ҷониби донишҷӯён;

3.4. Роҳбарӣ, назорат ва танзими ҳуҷҷату асноди меъёрӣ-ҳуқуқии самти корҳои тарбиявӣ дар сохторҳои донишгоҳ;

3.5. Мавриди назорати ҷиддӣ қарор додани мазмуну муҳтавои нақшаи чорабиниҳо, иҷроиши саривақтии онҳо ва дигар самтҳои фаъолияти тарбиявии сохторҳои донишгоҳ;

3.6. Роҳбарӣ, назорат, мусоидат ва ташкилу баргузор намудани чорабиниҳои маърифатӣ, сиёсӣ, варзишӣ ва фарҳангӣ-фароғатӣ, ки ҷиҳати баланд бардоштани сатҳи донишазхудкунии донишҷӯён ва ташаккул додани ҳисси худшиносию ифтихори миллӣ дар онҳо кумак менамояд.

3.7. Таҳияи нақшаи чорабиниҳо, сенария ва барномаҳои фарҳангӣ-фароғатӣ роҷеъ ба ҷашнгириии санаҳои муҳими таърихӣ, идҳои милливу касбӣ ва ҷалб намудани ҳайати устодону донишҷӯёни донишгоҳ ба чорабиниҳои сиёсию фарҳангӣ ва варзишӣ ва назорати иҷроиши онҳо;

3.8. Таҳия ва пешниҳоди лоиҳаҳои Фармоишҳои ректор, қарорҳои ҷаласаҳои Раёсат ва Шӯрои олимон, ки ба фаъолияти самти тарбия алоқаманд мебошанд;

3.9. Назорати иҷроиши соатҳои дарсҳои тарбиявӣ ва чорабиниҳои беруназдарсӣ, қабули ҳисобот аз саркураторони гурӯҳҳои академӣ ва пешниҳод намудани маълумот ба муовини ректор оид ба корҳои тарбия ва фарҳанг:

3.10. Назорат, баррасӣ ва хулосабарорӣ, роҷеъ ба ҳуҷҷатҳои воридшаванда, ки ба фаъолияти тарбиявӣ алоқамандӣ доранд;

3.11. Пешниҳод намудани таклифу дархост оид ба роҳҳои ҳалли масъалаҳои ба фаъолияти тарбиявӣ алоқаманд ба Раёсати донишгоҳ;

3.12. Ҳамкорӣ ва назорати татбиқ ва амалишавии нақшаи фаъолияти кори Шӯрои кураторон, Шӯрои донишҷӯёни дохилидонишгоҳӣ ва дохилихобгоҳӣ ва сифати фаъолияти маҳфилҳои илмӣ, фарҳангӣ, тарғибиву варзишӣ;

3.13. Назорати ташкил ва гузаронидани маҷлисҳои ҳисоботиву интихоботии Шӯрои кураторони назди факултетҳо, Шӯрои донишҷӯён ва маҳфилҳо.

## 4. ҲУҚУҚ ВА УҲДАДОРИҲОИ ШУЪБАИ ТАРБИЯ ВА ФАРҲАНГ

4.1. Иштироки донишҷӯёнро ба машғулиятҳои назариявӣ, амалӣ, лабораторӣ ва факултативӣ назорат мекунад;

4.2. Риояи Қоидаҳои донишҷӯиро зери назорати доимӣ мегирад;

4.3. Иҷрои «Дастурамали либосҳои тавсиявии хонандагон ва донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ»-ро зери назорати пайваста қарор медиҳад;

4.4. Дар вақти таҳлили давомот ва таҳлили сифати таҳсилот аз маълумоти омории шӯъбаи таълим истифода мебарад;

4.5. Барои беҳтар кардани чараёни таълиму тарбия, ҳавасмандгардонии донишҷӯёни лаёқатманд ва ҷазо додани донишҷӯёне, ки қоидаҳои тартиботи дохилидонишгоҳиро вайрон мекунанд, ба раёсат таклифҳо пешниҳод менамояд;

4.6. Омӯзиши адабиёти тавсиявии бадеиро, ки барои хониши донишҷӯёни ҳар як курс тибқи барномаи тарбиявӣ ё коркарди методӣ муайян гардидааст, ҳангоми дарсҳои тарбиявӣ ба роҳ монда, иҷрои ҳатмии онро зери назорат қарор медиҳад;

4.7. Иштирок дар чараёни баргузории дарсҳои тарбиявии кафедраҳо, инчунин чорабиниҳои тарбиявие, ки аз ҷониби зерсохторҳои донишгоҳ гузаронида мешаванд.

## 5. ТАРТИБИ ВОРИДИ ТАҒЙИРОТУ ИЛОВАҲО БА НИЗОМНОМА ВА ҚАТЪИ ФАЪОЛИЯТ ШУЪБА:

5.1. Тағйироту иловаҳо ба Низомномаи мазкур аз тарафи Шӯрои олимони МДТ «Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино» ворид карда мешавад.

5.2. Фаъолияти Шуъбаи тарбия ва фарҳанг дар асоси қарори Шӯрои олимон қатъ карда мешавад.

**«Утверждаю»**
Ректор ГОУ «ТГМУ им. Абуали.
ибни Сино» д.м.н., профессор
_____________ Гулзода МҚ.
«___» _______ 2019г.

# ПОЛОЖЕНИЕ
# ОТДЕЛА ВОСПИТАНИЯ И КУЛЬТУРЫ

**Душанбе – 2019**

## 1. Общие положения

1.1. Положения об управлениями воспитания и культуры ГОУ «ТГМУ именном Абуали ибн Сино» составляется в соответствии с законодательством Республики Таджикистан «Об образовании», «О высшем и послевузовским образовании», «Национальная концепция образования в Республике Таджикистан», Типовая положение об образовательных учреждениях высшего образования Республики Таджикистан, «Устав Университета» и определяет организацию и проведение различных образовательных мероприятий в университете.

1.2. Отдел воспитания и культуры (далее-отдел) является структурным подразделением ГОУ «ТГМУ именном Абуали ибн Сина» и действует при проректора по воспитательной работе.

1.3. Заведующий отделом возглавляет начальник отдела, который назначается и освобождается от должности ректором по рекомендации проректора по воспитательной работе.

1.4. Заведующий отделом может быть членом администрации университета а в случае иметь ученой степени – членом Ученого совета.

## 2. Цель отдела воспитания и культуры

2.1. Отдел сотрудничает с университетскими структурами в целях реализации пунктов «Национальная концепция образования в Республике Таджикистан», реализации плана воспитательной работы университета, реализации стратегических целей, поручений Правительства Республики Таджикистан.

2.2. Отдел контролирует и управляет целым рядом воспитательных мероприятий и является основным регулятором отношений в этой области.

2.3. Отдел контролирует деятельность всех подразделений университета и подотчетен проректору по воспитанию и ректору университета.

2.4.Отдел координирует деятельность Совета по общественным объединениям: Отделе по делам молодежи, Совета женщин, Совета кураторов, Совета родителей, студенческий совет, а также эффективность их деятельности в развитии воспитательной работы.

Основная цель отдела-формирование полноценного человека, высокого морального и духовного имиджа, здорового духа и тела, высокого чувства патриотизма и национального самосознания, соблюдения законов, прав и свобод, трудолюбия, щедрости, отзывчивости, творческий и уважающий историю и наследие исконной культуры, национальных традиций и обычаев.

### 3. ФУНКЦИИ ОТДЕЛА ВОСПИТАНИЯ И КУЛЬТУРЫ

3.1. Выявление и координация основных направлений воспитательной деятельности на университетских кафедрах и содействие качественной реализации воспитательных планов и программ.

3.2. Управление и контроль за применение и осуществление элементов Национальной концепции воспитания в РТ, регулирование содержания воспитательной работы на факультетах кафедрах и центрах университета и их реализация.

3.3. Контроль за соблюдением студентами правил внутреннего распорядка университета.

3.4. Руководства контроль и регулирование нормативно-правовых документов по воспитательной работе в университетских структурах.

3.5. Контроль за содержанием плана мероприятий, его своевременной реализацией и другими направлениями воспитательной деятельности вузовских структур.

3.6. Руководство, контроль, содействие и организация воспитательных, политических, спортивных, культурных и развлекательных мероприятий, которые помогают повысить уровень знаний учащихся и развить чувство национальной гордости и самоуважения.

3.7. Разработка планов действий, сценариев и культурных программ-для празднование важных исторических дат, национальных и профессиональных праздников, а также для привлечения преподавателей и студентов к политическим, культурным и спортивный мероприятиям и контроля за их выполнением.

3.8. Разработка и представление проектов приказов ректора, решений заседаний руководство и Совета ученых, связанных с направлениями воспитательной деятельности.

3.9. Контроль за выполнением воспитательных часов и внеклассных мероприятий, получения отчётов от руководители академических групп и представление информации проректору по воспитательной работе.

3.10. Контроль, рассмотрение и выводы относительно входящих документов, связанной с воспитательной деятельностью.

3.11. Представить предложения руководству ВУЗА по вопросам связанным с воспитательной деятельностью.

3.12. Сотрудничество и контроль за выполнением и реализацией плана мероприятий Совета кураторов, внутриуниверситетские и общежительских студенческие советы и качество деятельности научных, культурных, пропагандистских и спортивных клубов.

3.13. Контроль за организовывать и проводить отчетные и избирательные собраний кураторских советов при факультетах, студенческих советах и клубах.

## 4. ПРАВА И ОБЯЗАННОСТИ ОТДЕЛА ВОСПИТАНИЯ И КУЛЬТУРА.

4.1. Контролирует участие студентов в теоретических, практических, лабораторных и факультативных занятиях;

4.2 Контролирует соблюдение студенческие правила;

4.3.Следит за выполнением «Униформа для учащихся начальных, средних и высших профессиональных учебных заведений».

4.4. Использует статические данные из отдела образования при анализе посещаемости и качества образования.

4.5. Вносить предложения в Руководство по улучшению процесс образование и воспитание, мотивация, одаренных студенты и наказанию студентов нарушающих правила учреждения.

4.6. Проводит литературные занятия, рекомендованные к прочтению каждым студентом курса, в соответствии с воспитательной программой или методической работой, а также проводит воспитательное занятие и следит за его выполнением.

4.7. Участие в процессе проведения воспитательных уроков кафедр, а также воспитательная мероприятие который проводится подразделениями университета.

## 5. ПОРЯДОК ВНЕСЕНИЯ ИЗМЕНЕНИЙ В ПОЛОЖЕНИЕ О ПРЕКРАШЕНИИ РАБОТЫ ОТДЕЛА:

5.1. Изменения и дополнения в настоящее Положение будут внесены в Ученый совет ГОУ «ТГМУ имена Абуали ибн Сино»;

5.2. Деятельность отдела воспитания и культуры прекращается решением Ученого совета.